## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи: «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодиёти сиёсӣ)).**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи илмии Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович аз он бармеояд, ки дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккул, рушд ва такмили муносибатҳои рақобатӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтаанд. Таҷрибаи иқтисодиёти кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки маҳз муҳити солими рақобатӣ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, истифодаи оқилонаи захираҳо ва дар маҷмуъ таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ҳамин замина, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии рақобат дар бозорҳои соҳавӣ, аз ҷумла бозори молҳои истеъмолӣ, аҳаммияти муҳим ва рӯзмарра касб менамояд.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда ба масъалаҳои муҳими рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, бо афзалиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ, ҳадафҳои стратегии давлат ва зарурати таҳкими рақобатпазирии иқтисодиёт алоқамандии мустақим дорад. Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ ва таҳкими муносибатҳои бозорӣ масъалаи рушди рақобат ҳамчун воситаи муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

Кори диссертатсионии Ҷамолиддинов С.Р. аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима иборат аст. Кор дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 13 ҷадвал, 21 расмро фаро мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ муайян гардида, дараҷаи инкишофи он дар адабиёти илмӣ нишон дода шуда, сатҳи таҳқиқоти илмии он, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, муқаррароти ҳимояшаванда, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ инъикос шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии таҳқиқоти муносибатҳои рақобатӣ»** ба масъалаҳои назариявии таҳқиқоти муносибатҳои рақобатӣ бахшида шуда, дар он ҷанбаҳои асосии ташаккул ва рушди назарияи рақобат, механизмҳои танзими давлатии рақобат ва хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои рақобатпазир дар бозори молҳои истеъмолӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф тавонистааст заминаҳои назариявии таҳқиқотро бо

истифода аз адабиёти илмии ватанию хориҷӣ асоснок намуда, мафҳум ва моҳияти рақобатро дар шароити иқтисодиёти муосир мушаххас намояд. Дар натиҷаи таҳлилҳои анҷомдодашуда нақши рақобат ҳамчун унсури муҳими механизми бозорӣ ва воситаи таъмини рушди иқтисодӣ ба таври илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Арзёбии сатҳи рақобат дар сегменти бозори молҳои истеъмолӣ»** вазъи кунунӣ ва хусусиятҳои рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст. Муаллиф бо истифода аз маълумоти оморӣ, ҳисоботи мақомоти давлатӣ ва дигар манбаъҳои расмӣ тамоюлҳои асосии рушди бозори молҳои истеъмолиро таҳлил намуда, сатҳи рушди муносибатҳои рақобатӣ ва омилҳои таъсиррасонро муайян кардааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар бозори молҳои истеъмолӣ тағйироти муайяни сохторӣ ба амал омада, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ афзоиш ёфтааст, аммо ҳамзамон як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳо рушди рақобати самаранокро бозмедоранд.

Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба сатҳи тамаркузи бозор, мавқеи субъектҳои алоҳидаи бозор, имкониятҳои воридшавии истеҳсолкунандагони нав ба бозор ва нақши давлат дар танзими муносибатҳои рақобатӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, муайян карда шудааст, ки барои рушди рақобати самаранок на танҳо зиёд намудани шумораи иштирокчиёни бозор, балки фароҳам овардани шароити баробар барои фаъолияти онҳо аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Боби сеюми диссертатсия **«Самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ»** ба таҳияи самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф стратегияҳои рушди рақобатро ҳамчун модели умумии фаъолияти субъектҳои бозор дар муҳити тағйирёбандаи иқтисодӣ баррасӣ намуда, роҳҳои такмили механизмҳои рақобатиро пешниҳод мекунад. Пешниҳодҳои илмии муаллиф ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, такмили фазои соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ ва рушди инфрасохтори бозор равона гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳияи муносибати маҷмуӣ ба таҳқиқи рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ, муайян намудани хусусиятҳои рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асоснок намудани роҳҳои такмили механизми рушди рақобат ифода меёбад. Муаллиф тавонистааст як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалиро аз дидгоҳи нав таҳлил намуда, пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ таҳия намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, сохторҳои танзимкунандаи бозор, ташкилотҳои соҳибкорӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди рақобат ва такмили сиёсати иқтисодӣ истифода шаванд. Ғайр аз ин, маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълими фанҳои иқтисодӣ истифода гардад.

Дар ҷараёни тахияи диссертатсия Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович қобилияти баланди таҳлили илмӣ, ҷаҳонбинии муосири иқтисодӣ ва малакаи кор бо сарчашмаҳои гуногуни илмиро нишон дод. Ӯ тавонист масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалиро мустақилона таҳлил намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии асоснок пешниҳод намояд. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот фаъолияти мустақилона нишон дода, аз усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ самаранок истифода бурдааст. Ин имконият дод, ки муаллиф таҳқиқоти илмии ба таҳлил такядоштаро анҷом намояд ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тахия кунад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия пурра ба шиносномаи ихтисоси 08.00.01. – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодиёти сиёсӣ)) мутобиқат буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар интишороти илмии муаллиф (3,27 ҷузъи чопӣ) инъикос ёфта, дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз ҷиҳати мантиқи хуб анҷомёфта ва дорои коркардҳои нав буда, ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодиёти сиёсӣ)) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Газибеков С.А.

Газибеков Садриддин Арслонбекович,
**тел:** +992 (92) 777-09-00
**E-mail:** gazibekov@mail.ru

Имзои Газибеков С.А.-ро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Маҳмудов Ш.У.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
кӯчаи Исмоилӣ Сомонӣ, 169
тел:+992 (3422) 6-03-21
info@iet.tj
“10” 03 2025